# 22237 - Шартҳои амали солеҳ

**савол**

Барои солеҳ шудани амал кадом шартҳо бояд иҷро шаванд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Шинқитӣ гуфтааст:

Сухани Аллоҳ таъоло дар ин ояи карима **«онон, ки корҳои шоиста мекунанд»** (Каҳф/30) бо оятҳои дигар баён карда шудааст ва он оятҳо далолат мекунанд, ки амал танҳо бо се умур солеҳу шоиста мешавад:
**Аввал: Амал бояд мувофиқи он чизе, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ ва оли ӯ бод) овардааст, бошад. Аз ин рӯ, ҳар амале, ки мухолифи равиши паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бошад, амали солеҳ ҳисобида намешавад, балки ботил мебошад.**

**Аллоҳ таъоло фармудааст:**

وَمَا ءَاتَاكُمُ الرَّسُولُ فَخُذُوهُ

سورة الحشر: ٧

**«Ва он чи ки паёмбар ба шумо дод, онро бигиред».** (Сураи Ҳашр: 7).

Инчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

مَّنْ يُطِعِ الرَّسُولَ فَقَدْ أَطَاعَ الله

سورة النساء: ٨٠

**«Ҳар кас паёмбарро итоат кунад, дар ҳақиқат Аллоҳро итоат кардааст».** (Сураи Нисо: 80).

Аллоҳ таъоло боз фармудааст:

أَمْ لَهُمْ شُرَكَاءُ شَرَعُوا لَهُمْ مِنَ الدِّينِ مَا لَمْ يَأْذَنْ بِهِ الله

سورة الشورى: ٢١

**«Оё (мушрикон) маъбудоне доранд, ки барои онон дину оинеро муқаррар кардаанд, ки Аллоҳ ба он иҷоза надодааст».** (Сураи Шуро: 21).

Ғайр аз ин оятҳо, боз оятҳои дигар (дар ин мавзӯъ) мавҷуданд.

**Дуввум: Шахс дар амале, ки анҷом медиҳад, байни худ ва Аллоҳ мухлис бошад. (Яъне шахс бояд дар амалҳои худ ихлос дошта бошад ва онро танҳо ба хотири Аллоҳ таъоло анҷом бидиҳад).**

**Аллоҳ таъоло фармудааст:**

وَمَا أُمِرُوا إِلا لِيَعْبُدُوا اللهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ

سورة البينة: ٥

**«Ва онон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро мухлисона ва бар пояи ойини тавҳидӣ, дар ҳоле ибодот кунанд, ки дин ва ибодатро махсуси Ӯ бидонанд».** (Сураи Баййина: 5).

Ҳамчунин Аллоҳ таъоло фармудааст:

قُلْ إِنِّي أُمِرْتُ أَنْ أَعْبُدَ اللهَ مُخْلِصًا لَّهُ الدِّينَ ❁ وَأُمِرْتُ لِأَنْ أَكُونَ أَوَّلَ الْمُسْلِمِينَ ❁ قُلْ إِنِّي أَخَافُ إِنْ عَصَيْتُ رَبِّي عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ ❁ قُلِ اللهَ أَعْبُدُ مُخْلِصًا لَّهُ دِينِي ❁ فَاعْبُدُوا مَا شِئْتُم مِّن دُونِهِ

سورة الزمر: ١١ـ١٥

**«Бигӯ: "Ман дастур ёфтаам, ки Аллоҳро мухлисона ва дар ҳоле парастиш кунам, ки**

**дин ва ибодатро махсуси Ӯ бидонам. Ва фармон ёфтаам, ки нахустин мусалмони (ин уммат) бошам". Бигӯ: "Ман агар Парвардигорамро нофармонӣ кунам, аз азоби он рӯзи  бузург метарсам". Бигӯ: "Аллоҳро мухлисона ва дар ҳоле парастиш мекунам, ки ибодатамро махсуси Ӯ мегардонам. Пас шумо ҳар чиро, ки мехоҳед, ба ҷои Ӯ парастиш кунед"».** (Сураи Зумар: 11 - 15).

Ғайр аз ин оятҳо, боз оятҳои дигар (дар ин мавзӯъ) вуҷуд доранд.

**Саввум: Амал бояд бар пояи имон ва ақидаи дуруст бунёд шуда бошад, зеро амал монанди сақф (шифти хона) аст ва ақида монанди поя (таҳкурсии хона) аст.**

**Аллоҳ таъоло фармудааст:**

مَنْ عَمِلَ صَالِحاً مِنْ ذَكَرٍ أَوْ أُنثَى وَهُوَ مُؤْمِنٌ

سورة النحل: ٩٧

**«Ҳар кас аз мард ё зан кори неке анҷом бидиҳад ва мӯъмин бошад».** (Сураи Наҳл: 97).

Дар ин оят, Аллоҳ таъоло имонро қайди пазириши амал қарор додааст.

Оятҳои зиёде мафҳуми ин қайдро баён намудаанд, монанди сухани Аллоҳ таъоло дар мавриди амалҳои ғайримӯъминон, ки мефармояд:

وَقَدِمْنَا إِلَى مَا عَمِلُوا مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَاهُ هَبَاءً مَنْثُورًا

سورة الفرقان: ٢٣

«**Ва Мо ба (баррасии) амалҳое, ки анҷом додаанд, мепардозем ва ҳамаро чун зарраҳои хок барбод медиҳем**». (Сураи Фурқон: 23).

Ҳамчунин мефармояд:

أَعْمَالُهُمْ كَسَرَابٍ

سورة النور: ٣٩

**«Амалҳояшон монанди саробест».** (Сураи Нур: 39).

Боз мефармояд:

أَعْمَالُهُمْ كَرَمَادٍ اشْتَدَّتْ بِهِ الرِّيحُ فِي يَوْمٍ عَاصِفٍ

سورة إبراهيم: ١٨

**«Амалҳояшон монанди хокистарест, ки дар рӯзи тӯфонӣ тундбоде (боди сахте) бар он бивазад».** (Сураи Иброҳим: 18).

Дар ин бора оятҳои зиёде вуҷуд доранд, чунонки дар боло шарҳ дода шуд.